Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ)

Кори диссертатсионии Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи “Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Масъалаҳои ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити тағйирёбии иқлим раванди мураккаб ва бисёрҷонибаро

касб намудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва таҳлили илмӣ - назариявии ин мушкилот имрӯз аҳамияти муҳимро соҳиб гардидааст.

Аввалан, мавзуи интихобгардидаи диссертатсионии мазкур аз якчанд ҷиҳат муҳим мебошад. Пеш аз ҳама, кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна новобаста аз соҳибихтиёрӣ фазои табиии ягонаи экологӣ дошта, дар шароити рушди босуръати мушкилоти экологӣ ва тағйирёбии иқлим танҳо сиёсати миллии экологӣ дар минтақа наметавонад беҳдошти ҳолати экологии минтақаро таъмин созад. Аз ин рӯ, чанд масъалае пеш меояд, ки дарки амиқ ва дарёфти роҳҳои такмили онҳо аҳамияти муҳимро касб менамоянд. Аз ҷумла:

- зарурати омӯзиш, таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи минтақавии экологӣ ба миён меояд;

- кишварҳои минтақа аз ҷиҳати экологӣ осебпазир буда, дар раванди тағйирёбии иқлим таъсири манфии онро бештар эҳсос менамоянд;

- зарурати такмили пайваста ва амиқи сиёсати экологии давлатҳои минтақа воқеият доранд;

- кишварҳои Осиёи Миёна ба марҳилаи нави рушди худ ворид гардида, системаи ягонаи минтақавии хоҷагидорӣ дар онҳо аз байн рафта, ҳар як давлати минтақа дар доираи принсипҳои соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои миллии худ амал менамоянд. Вазъияти мазкур боиси пайдоиши масъалаҳои гуногун гардида, инкишофи соҳавии минтақаро ба мушкилиҳои нав ба нав рӯ ба рӯ мегардонад;

- фазои экологии минтақаи Осиёи Миёна ягона ва ҷудонашаванда буда, таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи минтақавии экологиро талаб менамояд;

Диссертант сатҳи мубраммияти масъалаи таҳқиқшавандаро дуруст дарк намуда, кӯшидааст, ки моҳияти онро тавассути дарки амиқи хусусиятҳои гуногуну васеъ дарк намояд ва онҳоро дар рафти натиҷагириҳо ва таҳияи пешниҳодот мавриди истифода қарор диҳад. Ӯ дуруст таъкид менамояд, ки бе муҳофизати табиат ва риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ, мо наметавонем, саломатии мардумро нигоҳ дорем

ва инкишофи ҷомеаи муътадилро таъмин созем. Аз ин бармеояд, ки ҳалли мушкилоти экологӣ дар шароити муосири рушди минтақа як кори дастаҷамъона ва умумиминтақавӣ мебошад.

Диссертатсияи С.М. Мирзоев аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф аз рӯйи диссертатсия иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши мавзуъро асоснок намудааст. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси объект, предмет, мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар гузориши масъала намоён мегардад. Мақсад ва вазифаҳои рисолаи мазкур доираи васеи масъалаҳои вобаста ба назария ва амалияи сиёсати экологӣ ва хусусиятҳои мушаххаси онро дар шароити давлатҳои Осиёи Миёна фаро мегирад.

Аз мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бармеоянд, ки навгониҳои илмӣ дар кори диссертатсионӣ ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегиранд:

- заминаҳои асосии ташаккули сиёсати ягонаи экологии давлатҳои Осиёи Миёна муайян гардидаанд;

- мафҳум, мундариҷа ва моҳияти сиёсати экологӣ дар доираи таълимоти мухталифи иҷтимоию сиёсӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст;

- хусусиятҳои сиёсати миллии экологии давлатҳои Осиёи Миёна муайян карда шудаанд;

- қонуниятҳои инкишоф, консепсия ва хусусиятҳои ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар замони соҳибихтиёрӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд;

- таъсири манфии оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва бухрони экологии ҷаҳони муосир ба минтақа ва Тоҷикистон нишон дода шудааст;

- мушкилоти экологии вобаста ба об дар Осиёи Миёна мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст;

- хусусиятҳои хоси фарҳанги экологӣ ва сиёсати экологӣ дар минтақа омӯхта шуда, мавриди таҳлилу таҳқиқ ва хулосагириҳо қарор гирифтаанд;

- тамоюлҳои рушди минбаъдаи вазъи экологӣ дар минтақа, таҚвияти нақши фаъолияти дастаҷамъонаи экологӣ дар таҳкими субот ва рушди устувори минтақа нишон дода шудаанд;

- мушкилоти экологӣ – сиёсии баҳри Арал ва дурнамои масъалаҳои обӣ – экологӣ, зиддиятҳои эҳтимолии онҳо дар байни кишварҳои минтақа мавриди таҳқиқ, таҳлил ва натиҷагириҳо қарор гирифтааст.

Дар боби аввали рисола Мирзоев С.М. ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи масъалаҳои сиёсати экологиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Муллиф қайд менамояд, ки омилҳои маънавӣ асоси таҳкими муносибатҳои ахлоқии инсон бо муҳит мебошанд ва ҳамчун танзимгари ҳаёти инсон амал мекунанд. Танҳо дар ҳолати баланд бардоштани фарҳанги экологии ҷомеа масъалаҳои марбут ба ҳифзи табиатро ҳал кардан мумкин аст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд дарк намояд, ки ҳар як муносибати бешуурона нисбат ба табиат ва сарватҳои он ба сари худ ва дигарон хатар ба вуҷуд меорад.

Муҳаққиқ сиёсати экологиро ҷузъи таркибии сиёсати иҷтимоӣ дониста, ба ҳаёти иҷтимоӣ, махсусан, вазъи саломатӣ, некуаҳволӣ, сатҳи даромаднокӣ, ҳолати ҷисмонию равонӣ ва ба тамоми паҳлуҳои дигари ҳаёт таъсири бевоситаи худро расонида, дар ин замина ба рушди иқтисодӣ ва тараққиёту пешрафти давлат таъсири зиёд мерасонад.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ муаллиф бештар ба роҳу воситаҳо ва чораҳои гуногуни ҳалли масоили экологӣ дар минтақа таваҷҷуҳ намудааст. Сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёнаро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Маълум аст, ки барои

бартарафсозии ҳар гуна мушкилот ва ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ заминаҳои гуногун истифода карда мешаванд. Яке аз чунин заминаҳо қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи мазкур мебошанд. Дар минтақаи Осиёи Миёна дар баробари амалкарди санадҳои меъёрию ҳуқуқии минтақавии экологӣ, инчунин санадҳои зиёди меъёрию ҳуқуқии дохилидавлатӣ низ амал мекунанд, ки онҳо омил ва шакли зуҳури захираҳои сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақаро ташкил менамоянд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки масъалаҳои миллии экологии кишварҳо ба муҳити зисти ҳамдигар дар ҳар ҳолат таъсири зиёд мерасонанд ва ҳадафу мақсадҳои давлату ҳукумати кишварҳои минтақа ба ҳам тавъам ва ҳамранганд. Сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна нишон дод, ки бисёре аз масоили миллии экологии давлатҳо ҷанбаи минтақавӣ доранд ва натанҳо марзҳои миллӣ, инчунин марзҳои минтақаро низ убур менамоянд.

Ин ҳолат ҷиҳати таҳияи стратегияи ягонаи амал дар соҳаи экология ва ҳифзи муҳити зистро осон ва сода намуда, ҳамоҳангӣ ва мураттабии таҳия ва пешбурду татбиқи сиёсати минтақавии экологиро натиҷабахш месозад.

Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф ба дурнамои сиёсати минтақавии экологӣ вобаста ба масъалаи об диққати хосса зоҳир намудааст. Аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки аксари мушкилоти минтақавии экологӣ дар Осиёи Миёна ба истифодаи нодуруст ва ғайриоқилонаи захираҳои обии аҳамияти минтақавидошта сар задаанд. Давлатҳои Осиёи Миёна аз захираҳои оби ду дарёи бузург – Амударё, Сирдарё ва ҳамчунин як силсила рӯдҳои хурди сарҳадгузар истифода мебаранд.

Дар ин минтақа ҳалли масъалаҳои вобаста ба обу экология аз омилҳои зерин вобастаанд:

1. Тақсимоти нобаробари захираҳои об дар ҳудуди минтақа.

2. Дурнамои эҳтимолии кам шудани захираҳои об дар ояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бар асари таъсири раванди тағйирёбии иқлим.

3. Афзоиши истеъмоли об бинобар зиёд шудани шумораи аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ.

4. Бештар такрор ёфтани офатҳои табиии марбут ба об ва идомаи раванди нобудшавии баҳри Арал.

5. Ҳамкории ғайрикофии кишварҳои минтақа ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами обию энергетикӣ.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои раванди таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф барои ҳалли масъалаҳои мавриди пажӯҳиш ҷой гирифтаанд. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод шудаанд.

Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 3 конференсияи ҷумҳуриявӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Ҳамчунин, аз рӯи мавзуи диссертатсия муаллиф 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ аз баъзе камбудиҳо ва норасогиҳо холӣ нест. Онҳоро метавон ба таври зайл нишон дод:

1. Сиёсати экологӣ яке аз навъҳои сиёсати умумӣ дониста мешавад, ки дорои мустақилияти нисбӣ ва махсусиятҳои мухталиф мебошад. Аз ин хотир, онро дар доираи ҳадафҳои навъҳои дигари сиёсат, аз ҷумла сиёсати иҷтимоӣ тавсиф намудан дар доираи мантиқи сиёсӣ намеғунҷад. Бинобар ин, муҳаққиқро зарур буд, ки сиёсати экологиро ба тамоми ҳолатҳои назариявию методологӣ ва ҷанбаҳои амалиаш мавриди баҳогузорӣ қарор медод.

2. Хуб мешуд, ки муаллиф дар зербоби аввали боби якуми кори диссертатсионӣ бештар ба моҳияти сиёсии масъалаҳои экологӣ ва низоми идоракунии соҳавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд. Чунин ҳолат тарзи муносибат ба омӯзиши масъаларо мушаххас мегардонид, ки аҳамияти муҳимми таҳқиқотиро боз ҳам бештар мегардонид.

3. Диссертант дар қисматҳои гуногуни диссертатсия дар бораи зиддиятҳои истифодаи захираҳои обӣ дар байни мамлакатҳои минтақа ибрози назар менамояд. Мутаассифона, ӯ ба таври мушаххас роҳҳо ва воситаҳои ҳалли масъаларо нишон надодааст.

4. Масъалаҳои вазъи экологӣ ва танзими онҳо тавассути сиёсати экологӣ ба масъалаи муҳити зист ва ҳимояи он пайвасти ногусастанӣ доранд. Дар рисола дар мавриди равобити чунин масъалаҳо андешаҳои зиёд вуҷуд доранд. Аз ҷумла, асосҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии идораи онҳо нишон дода шудаанд. Вале, пешомади танзими масъалаи мазкур муқаррар нагардидааст. Яъне, диссертантро зарур аст, ки сиёсати экологиро ҳамчун омили муассир дар таҳвияти муҳити зист дар шароити Тоҷикистон чӣ тавр истифода намудан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, диссертатсия таҳқиқоти илман асоснокшуда ва ба таври мантиқӣ анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасогиҳои дар боло зикршуда арзиши илмии онро кам намегардонанд.

Диссертатсияи Мирзоев С.М. ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар ҳалли масъалаи мушаххаси илмӣ, таҳқиқи сиёсати экологӣ нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Мирзоев С.М. ба талабот оид ба корҳои диссертатсионии номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори мушарраф гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз

рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ) мебошад.

Тақризи мазкур ба талаботи банди 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ
ва дипломатияи Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Шарифзода Л.Ш.

Имзои Л.Ш. Шарифзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Суроғa:
734000, ш.Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30
тел.: (992) 37 221-35-50

12-уми июни соли 2023